

**13.03.2018 11:55, шахри Душанбе**

Хозирини арчманд!

Мулокоти имрӯзаи мо дар арафаи чашни касбии кормандони макомоти прокуратура баргузор мегардад. Бинобар ин, хамаи кормандони макомотро ба ин муносибат табрик гуфта, ба онхо, аз чумла ба хар яки шумо, хозирини мухтарам, саломативу барори кор орзу менамоям.

Эъмори чомеаи демократӣ ва хукукбунёд, ки кишвари мо дар ин самт бо кадамхои устувор пеш рафта истодааст, кабл аз хама, ташаккули шохахои мустакили хокимият ва ниходхои давлатии мутобик ба принсипхои демократии давлатдориро такозо менамояд.

Имрӯз бо каноатмандӣ метавонем изхор намоем, ки мо дар даврони истиклолият тавассути ислохоти амики сиёсиву хукукӣ заминахои мустахками давлатдории муосири миллиамонро фарохам овардем.

Макомоти прокуратура яке аз ниходхои мухимми давлатдорӣ мебошанд, ки фаъолияти онхо ба хифзи арзишхои чомеаи демократӣ, конуният, тартиботи чамъиятӣ, хукуку озодихои инсон ва шахрванд, манфиатхои давлат ва чомеа, ошкору пешгирӣ намудани хукуквайронкунихо ва мубориза бо чинояткорӣ равона гардидааст.

Конститутсияи Чумхурии Точикистон назорати риояи дакик ва ичрои якхелаи конунхоро аз чониби вазорату идорахо, макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ, худидоракунии махаллӣ, дигар макомоти давлатӣ, иттиходияву созмонхои чамъиятӣ ва ташкилотхои гайридавлатӣ хамчун салохияти истисноии прокуратура мукаррар кардааст.

Ягон маком ё шахси мансабдори дигар чунин салохиятхои васеъро надорад.

Аз ин рӯ, таъмини конунияту адолат, амният, сулху субот ва ризоият дар чомеа аз фаъолияти самараноки макомоти прокуратура вобаста мебошад.

Рохбарияти мамлакат фаъолияти макомоти прокуратураи Чумхурии Точикистонро дар таъмини волоияти конун, тартиботи хукукӣ ва мубориза бо чинояткорӣ, дар мачмӯъ, мусбат арзёбӣ менамояд.

Ханӯз аз огози даврони истиклолият кормандони прокуратура бо хизмати содиконаи худ намунаи олии хизмат ба Ватанро нишон дода, дар шароити муковимати шадиди мусаллахона дар хамкорӣ бо дигар макомоти хифзи хукук ва сохторхои низомӣ вазифаи мукаддаси хешро дар баркарор намудани сохти конститутсионӣ сарбаландона ичро намуда, дар бунёди чомеаи демократӣ, хукукбунёд ва дунявӣ, ки волоияти конун асоси онро ташкил медихад, сахми арзанда гузоштанд.

Хукумати мамлакат бо дарназардошти накши мухимми макомоти прокуратура дар хаёти сиёсиву ичтимоии чомеа барои тахкими заминахои хукукӣ, ташкилӣ, моддиву техникӣ ва кадрии он тадбирхои зарурӣ андешида истодааст.

Дар даврони истиклолият чихати таъмин намудани кори самараноки прокуратура ваколату салохияти назоративу мурофиавӣ, вазифахо ва самтхои асосии фаъолияти онхо муайян карда шуданд.

Сохтори макомоти прокуратура вобаста ба талаботи замон мунтазам такмил ёфта, мохи августи соли 2015 дар хайати Прокуратураи генералӣ як катор раёсату шуъбахо ва сохторхои нав, инчунин, Донишкадаи омӯзиши масъалахои конуният, тартиботи хукукӣ, чинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандон таъсис дода шуд.

Каблан дар бисёр шахру нохияхо кормандони прокуратура дар бинохое фаъолият мекарданд, ки дар онхо шароити муътадили корӣ вучуд надошт.

Махз ба шарофати истиклолият ин сохтор бо бинохои маъмурӣ пурра таъмин гардида, ба Прокуратураи генералӣ бинои алохидаи маъмурӣ чудо карда шуд. Дар мачмӯъ, 22 бинои нав бунёд ва бинохои макомоти прокуратура дар аксар шахру навохии мамлакат таъмиру азнавсозӣ гардиданд, инчунин, барои бехтар намудани шароити манзили кормандон ва маблаггузории прокуратура аз хисоби бучети давлатӣ як силсила икдомоти чиддӣ амалӣ карда шуданд.

Музди мехнати кормандони макомот низ мунтазам баланд бардошта шуда, танхо дар дах соли охир панч баробар зиёд гардидааст.

Хозирини гиромӣ!

Тавре ки зикр намудам, назорати риояи дакик ва ичрои якхелаи конунхо самти асосии фаъолияти макомоти прокуратура мебошад. То имрӯз дар ин чода, албатта, хеле корхо ба анчом расонида шудаанд.

Аз чумла, танхо дар давоми дах соли охир аз рӯи натичаи санчишхои прокурорӣ чихати бартараф намудани конунвайронкунихои ошкоршуда зиёда аз 243 хазор санади эътиноии прокурорӣ татбик гардида, барои рох додан ба конуншиканихо 234 хазор нафар ба чавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ва моддӣ кашида шуда, 19 440 парвандаи чиноятӣ огоз гардидааст, ки кариб сеюним хазори онро чиноятхои коррупсионӣ ва чиноятхои иктисодии хусусияти коррупсионидошта ташкил медиханд.

Бо эътирози прокурорхо дар солхои истиклолият 129 хазор санади гайриконунӣ бекор

карда, тайи дах соли охир ба маблаги зиёда аз се миллиард сомонӣ зарари моддӣ баркарор карда шудааст.

Бо вучуди корхои анчомдодаи кормандони макомоти прокуратура дар самти таъмини риояи якхелаи конунхо, ханӯз имкониятхо барои боз хам бехтар намудани фаъолият мавчуданд.

Аз ин рӯ, харчанд ки пагох чашни касбии кормандони макомоти прокуратура аст, ман баъзе масъалахоро зикр менамоям ва хамаи кормандони макомотро вазифадор месозам, ки онхоро хамачониба тахлил карда, барои рафъи камбудихо чорахои катъӣ андешанд.

Тахлилхо нишон медиханд, ки тайи дах соли охир шумораи чиноятхо дар кишвар, дар мачмӯъ, кариб ду баробар, аз чумла чиноятхои вазнин зиёда аз ду баробар, тасарруфи молу мулк ва каллобӣ кариб ду баробар, авбошӣ ва вайрон кардани коидахои харакат дар рох якуним баробар афзудааст. Шумораи чиноятхои бо муомилоти гайриконунии маводи мухаддир алокаманд низ тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Чунин вазъ макомоти прокуратураро водор месозад, ки корро доир ба пешгирӣ кардани чинояткорӣ дар самтхои зикршуда ба таври чиддӣ таквият бахшанд.

Тибки тахлилхо содиршавии чинояти худсарона ишгол намудани китъахои замин ва сохтмони худсарона торафт афзуда, дар дах соли охир кариб понздах баробар зиёд шудааст.

Агар соли 2008 дар кишвар 67 чиноят ба кайд гирифта шуда бошад, соли 2017-ум кариб хазор чиноят содир шудааст.

Бо вучуди он, ки мо солхои охир диккати хам макомоти хифзи хукук ва хам макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатиро доим ба ин масъала чалб мекунем, вале дар ин самт камбудихо то хол хеле зиёданд.

Харчанд бо дахолати прокуратура дар дах соли охир кариб 23 хазор гектар замини худсарона ишголкардашуда ба холати аввала баргардонида, зиёда аз 5600 парвандаи чиноятӣ огоз карда шудааст, лекин то ба хол ин проблемаи чиддӣ хал нагардидааст.

Дар давоми беш аз 26 соли истиклолият бо карорхои Хукумати мамлакат зиёда аз 130 хазор гектар замин ба як миллиону 400 хазор оила барои бунёди манзилхои истикоматӣ таксим карда дода шудааст. Яъне беш аз 7 миллион нафар сокинони кишвар сохиби китъаи замин шудаанд. Лекин дар натичаи форигболии баъзе сохтору макомот ва дурусту одилона ба рох намондани таксимоти замин чиноятхои зикршуда рух додаанд.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки ба гайриконунӣ чудо намудани китъахои замин баъзе рохбарон ва шахсони масъули сохторхои дахлдори шахру нохияхо низ даст мезананд. Танхо дар дах соли охир аз чониби прокурорхо аз болои кариб шаш хазор карори гайриконунии раисони шахру нохияхо эътироз оварда шудааст, ки зиёда аз чор хазори он ё 74 фоиз вобаста ба вайрон намудани талаботи конунгузории сохаи замин мебошад.

Кабули санади эътинои прокурорӣ кобили дастгирист, вале таъкид менамоям, ки дар бисёр мавридхо аз болои карорхои гайриконунии макомот вакте эътирози прокурорӣ оварда мешавад ё парвандаи чиноятӣ огоз мегардад, ки одамон дар китъахои чудошуда, аллакай, иншооту бинохои гуногун, аз чумла манзили истикоматӣ бунёд намудаанд.

Хона, албатта дар як рӯз ё дар як мох сохта намешавад, аммо хам макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ ва худидоракунии махаллӣ, хам сохторхои назоратӣ - прокуратура, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, нозирони минтакавии Вазорати корхои дохилӣ ин масъаларо нодида мегиранд.

Бо карори Хукумати мамлакат аз 31 январи соли 2006 дар заминхои барои дурнамои рушди шахри Душанбе пешбинигардида сохтмони асосӣ ва шинонидани нихолхои бисёрсола манъ шудааст, вале талаботи он бештар аз чониби макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахру нохияхои Хисор, Варзоб ва Рӯдакӣ риоя намегардад.

Дар натичаи суст будани назорати прокурорӣ дар 8 хазор гектари ин заминхо, аллакай, манзилхои истикоматӣ, иншооти ичтимоӣ ва хизматрасониву маишӣ, корхонахои истехсолӣ ва бинохои дигар бунёд карда шудаанд.

Дар нохияи Рӯдакӣ якчанд гурӯххои муташаккили чиноятӣ ошкор карда шудаанд, ки ба хариду фурӯши замин, махсусан, заминхои таъиноти кишоварзӣ машгул буданд. Чунин конуншиканихо дар аксари вилоятхо ва шахру нохияхо мушохида мешаванд.

Ман борхо гуфта будам ва холо бори дигар таъкид менамоям, ки агар прокурорхо дар фаъолияти худ ба бемасъулиятӣ рох намедоданд ва ичрои конунгузории Чумхурии Точикистонро оид ба замин дар махалхо дуруст назорат мекарданд, ин холат рух намедод.

Бинобар ин, ба Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати корхои дохилӣ ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ супориш дода мешавад, ки дар хамкорӣ бо дигар макомоти давлатӣ чихати пешгирӣ кардани ишголи худсаронаи китъахои замин, хифзи заминхои корам, сари вакт ошкор ва пешгирӣ намудани чинояту хукуквайронкунихо, алалхусус, чиноятхои коррупсионӣ дар ин самт тадбирхои катъӣ андешанд.

Хусусан, зарур аст, ки масъулияти кормандони прокуратураи шахру нохияхое, ки дар онхо холатхои вайрон намудани конунгузории замин зиёданд, чиддан баланд бардошта шавад.

Хамчунин, мувофики максад аст, ки дар Прокуратураи генералӣ сохтори алохида доир ба назорати риояи конунгузории замин ва дар макомоти поёнии прокуратура вохиди алохидаи ёрдамчии прокурор оид ба масъалаи мазкур таъсис дода шавад.

Вазъи риояи Кодекси шахрсозӣ ва дигар санадхои меъёрии хукукӣ низ нигаронкунанда буда, хангоми чудо намудани китъахои замин барои сохтмони бинохои истикоматӣ на хама вакт накшаи генералии шахру нохияхо ва меъёрхои пешбинишуда барои бунёди мактабу муассисахои томактабӣ, бунгоху марказхои тиббӣ, майдончахои варзишӣ, чойхои истирохати калонсолон, зеристгоххои баркӣ ва таваккуфгохи воситахои наклиёт риоя мегарданд.

Аз ин рӯ, ба макомоти прокуратура зарур аст, ки чунин конунвайронкунихоро сари вакт ошкор карда, чихати бартараф намудани онхо чорачӯӣ намоянд.

Дар Паёми худ ман масъалаи бо махсулоти хушсифат таъмин намудани ахолӣ ва пешгирӣ кардани воридоти махсулоти пастсифат, бахусус, маводи хӯрокворӣ ва доруворииеро, ки ба талаботи бехатарӣ мутобик нест, махсус зикр намудам.

Баъди мухокимаи масъалаи зикршуда дар чаласаи Хукумати мамлакат тамоми макомоти назоратӣ, аз чумла прокуратура микдори зиёди маводи хӯроквории пастсифат ва хатарнокро ошкор намуданд.

Вале саволе ба миён меояд, ки барои чӣ сохторхои назорати санитариву фитосанитарӣ, байторӣ, стандартизатсия ва хатто прокурорхо ин холатро то аз тарафи Рохбари давлат ба миён гузоштани масъала ошкор накарданд?

Магар назорати фаъолияти макомоти зикршуда ва риояи Конуни Чумхурии Точикистон "Дар бораи химояи хукукхои истеъмолкунандагон" ва дигар конунхои дахлдор вазифаи прокурорхо нест?

Вобаста ба ин масъала, ба Прокуратураи генералӣ ва дигар макомоти назоратӣ зарур аст, ки вазифахои хизматии худро бо масъулияти баланд ичро кунанд ва корро дар самти зикршуда ба таври катъӣ вусъат бахшанд. Таъкид месозам, ки ин кор набояд хусусияти стихиявӣ, мавсимӣ ё муваккатӣ дошта бошад ва назорат дар ин самт бояд мунтазам амалӣ карда шавад.

Вактхои охир баъзе бонкхо ва муассисахои молиявӣ дар натичаи сахлангорӣ ва хатто ноухдабароӣ имконияти пардохти карзхо ва баргардонидани пасандозхои ахолиро кариб аз даст додаанд. Ин холат низ гувохӣ медихад, ки Бонки миллии Точикистон хамчун макоми ваколатдор ва прокурорхо назоратро дар ин масъала суст ба рох мондаанд.

Бо вучуди он, ки дар давоми соли сипаришуда аз тарафи гурӯххои кории таъсисдодаи Прокуратураи генералӣ оид ба тасарруфи маблагхои бонкӣ ва дигар чиноятхои ба он алокаманд 83 парвандаи чиноятӣ огоз гардида, кариб як миллиарду 360 миллион сомонӣ баркарор ва ба судхои иктисодӣ ба маблаги 140 миллион сомонӣ даъво пешниход карда шудааст, вале фаъолияти муътадили баъзе бонкхо ханӯз хам таъмин нагардидааст.

Аз ин лихоз, Прокуратураи генералӣ вазифадор аст, ки дар хамкорӣ бо дигар сохтору макомоти давлатӣ дар доираи ваколатхои худ ба халли мушкилоти чойдошта мусоидат намояд.

Хозирини гиромӣ!

Рушди босуботи иктисодиву ичтимоии кишвар ва болоравии сатхи зиндагии ахолӣ аз ичрои пурраи бучети давлатӣ вобастагӣ дорад.

Вале мушохидахо нишон медиханд, ки дар масъалаи хариди давлатии мол ва ичрои корхои сохтмон аз хисоби бучет, истифодаи грантхои давлатӣ ва хоричӣ, пардохти музди мехнат, чамъоварии андоз ва пардохтхои гумрукӣ холатхои зиёди сӯиистеъмол аз вазифа ва дигар конунвайронкунихои мансабӣ чой дошта, чунин вазъ ба рушди бомароми сохахои гуногуни иктисоди миллӣ монеа эчод менамояд.

Мусоидат намудан ба ичрои накшаи чамъоварии андоз ва пардохтхои гумрукӣ, пешгирӣ кардани пинхонкунии андоз, кочоки молу махсулот, таъмин намудани истифодаи максадноки маблагхои бучетӣ, пешгирии конунвайронкунӣ ва чиноятхо дар сохахои молия, андоз ва гумрук аз чумлаи масъалахое мебошанд, ки назорати доимии прокурориро такозо менамоянд.

Макомоти прокуратура дар давоми дах соли охир вобаста ба тасарруфи маблагхои бучетӣ 1285 парванда, доир ба чиноятхо дар сохаи андоз кариб 700 ва гумрук беш аз 200 парвандаи чиноятӣ огоз намуда, зарари расонидашударо ба маблаги зиёда аз якуним миллиард сомонӣ ба бучет баркарор кардаанд.

Вобаста ба ин мавзӯъ, мехохам таваччухи шуморо ба як масъалаи дигар чалб намоям. Рушди давлат аз фаъолияти бонизоми сохибкорӣ вобастагӣ дорад. Мусоидат ба рушди сохибкорӣ ва хифзи хукуки сохибкорон вазифаи макомоти хифзи хукук ва сохторхои назоратӣ (пеш аз хама прокурорхо) мебошад. Вале тахлилхои гузаронидаи худи шумо собит месозанд, ки дахолати беасос ва гайриконунӣ ба фаъолияти сохибкорон хеле зиёд аст.

Масалан, мувофики талаботи Кодекси андоз макомоти андоз санчишхои мачмӯии андозро тибки мурочиати хаттии макомоти хифзи хукук танхо нисбат ба хамон андозсупорандагоне мегузаронанд, ки санади расмӣ дар бораи огоз гардидани парвандаи чиноятӣ бо нишонахои чиноятхои бо андозбандӣ алокаманд ворид шуда бошад.

Бинобар ин, зарур аст, ки химояи хукуки андозсупорандагон тахти назари доимии прокурорхо карор дода, ба дахолати гайриконунӣ, алалхусус, ба санчишхои беасоси фаъолияти сохибкорон хотима бахшида шавад. Бахусус, дар давраи амали мораторий ба хама гуна санчишхои фаъолияти субъектхои сохибкории истехсолӣ риояи конунгузории мамлакат дар ин самт бояд пурра таъмин карда шавад.

Пешгирӣ кардани амалхои коррупсионӣ дар низоми хизмати давлатӣ шарти мухимми фаъолияти муътадили хамаи сохтору макомот ва риоя гардидани хукуку манфиатхои шахрвандон ба хисоб меравад.

Дар давоми солхои 2007-2016 аз чониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 13 хазор чинояти коррупсионӣ ва чиноятхои иктисодии хусусияти коррупсионидошта ошкор ва ба кайд гирифта шудааст, ки аз онхо ба макомоти махаллии хокимияти давлатӣ 1500, Вазорати маориф ва илм зиёда аз 800, Вазорати тандурустӣ ва хифзи ичтимоии ахолӣ 500, Вазорати корхои дохилӣ кариб 600, Вазорати энергетика ва захирахои об 340, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ 242 ва Кумитаи андоз беш аз 200 чиноят рост меояд.

Аз соли 2010 инчониб, дар мачмӯъ, нисбат ба 2300 нафар кормандони макомоти хифзи хукук, сохторхои харбӣ ва судхо, аз чумла макомоти корхои дохилӣ - 696, мудофиа - 539, амнияти миллӣ - 545, гумрук - 109, андоз - 124, адлия - 81, Гвардияи миллӣ - 78, Шӯрои адлия ва Суди Олӣ - 53, Кумитаи холатхои фавкулода ва мудофиаи гражданӣ - 30, Агентии назорати маводи нашъаовар - 23 ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва

мубориза бо коррупсия 19 парвандаи чиноятӣ огоз карда шудааст.

Холатхои мазкур аз макомоти прокуратура, ки хам макоми назораткунандаи ичрои конунхо ва хам субъекти мубориза бо коррупсия мебошанд, пурзӯр кардани фаъолиятро дар самти ошкор намудани амалхои коррупсионӣ такозо мекунанд.

Лекин боиси таассуф аст, ки баъзе кормандони макомоти прокуратура худашон ба кирдорхои дорои хусусияти коррупсионӣ ва дигар амалхои номатлуб даст мезананд ва ба номи давлат ва Хукумат иснод меоранд.

Тайи дах соли охир 46 нафар кормандони макомоти прокуратура барои содир намудани амалхои бадномкунанда, аз чумла 28 нафар барои содир намудани чиноят аз сафхои макомот хорич карда, 24 нафари онхо барои содир намудани кирдорхои хусусияти коррупсионидошта ба чавобгарии чиноятӣ кашида шудаанд ва нисбат ба 64 нафар чорахои чавобгарии интизомӣ татбик гардидаанд.

Фаромӯш набояд кард, ки кормандони прокуратура ва дигар макомоти хифзи хукук тачассумгари сиёсат ва симои давлат мебошанд.

Мардум аз рӯи рафтору кирдор, махорат ва сатхи касбият, донишу маърифат, поквичдонӣ, маданияти муошират ва муносибати шумо ба ухдадорихои мансабӣ, инчунин, садокат ба давлату миллат ба сифат ва самаранокии хизмати давлатӣ бахо медиханд.

Яъне шумо бояд чун ойина пок бошед ва вазифахои ба зиммаатон гузошташударо поквичдонона ичро намоед.

Аз ин лихоз, ба рохбарони макомоти прокуратура супориш дода мешавад, ки ба масъалаи аз шахсони тасодуфӣ тоза кардани сафхои худ диккати чиддӣ диханд.

Дар хотир бояд дошт, ки ашхоси тасодуфӣ хукуки маънавии дар макомоти прокуратура

кор карданро надоранд.

Таъмин намудани риояи конунгузорӣ дар бораи ноболигон ва чавонон, аз чумла хифзи хукуку манфиатхои кӯдакон, назорати сифати таълиму тарбия ва пешгирӣ кардани хукуквайронкунихо дар байни ноболигону чавонон аз чумлаи масъалахои мубрами рӯз буда, ба таваччухи доимии ниходхои дахлдори давлатӣ ва хусусан, прокуратура ниёз дорад.

Макомоти прокуратура дар дах соли охир бо сабаби риоя накардани мукаррароти Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» 26 300 нафарро ба чавобгарии интизомиву маъмурӣ кашида, нисбат ба се хазор нафар парвандаи чиноятӣ огоз намудаанд.

Бо вучуди ин, риояи конуни зикршуда ханӯз хам ба меъёри рафтори волидон ва омӯзгорон табдил наёфта, аз чониби онхо дар бисёр холатхо сарфи назар мегардад, ки ин боиси содир гардидани хукуквайронкунӣ ва чиноятхо аз чониби ноболигон мегардад.

Хамчунин, ба Прокуратураи генералӣ ва Кумитаи оид ба корхои дин, танзими анъана ва чашну маросимхои миллӣ зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти назорати риояи мукаррароти Конун «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон» боз хам пурзӯр намуда, чихати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани конунвайронкунихо тадбирхои иловагӣ андешанд.

Таъкид месозам, ки худи кормандони прокуратура ва дигар макомоти хифзи хукук дар ин масъала низ бояд намунаи ибрат бошанд.

Хозирини мухтарам!

Экстремизм ва терроризм аз чумлаи хатархои торафт вусъатёбандаи чахони муосир буда, мубориза бар зидди онхо хамеша дар сархати вазифахои мухимтарини макомоти хифзи хукук ва сохторхои низомӣ карор дорад.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки накши макомоти прокуратура дар ташаккули заминахои хукукӣ, хамохангсозии фаъолияти сохтору макомоти давлатӣ ва чомеаи шахрвандӣ доир ба муковимат бо экстремизм ва терроризм бисёр мухим мебошад.

Бо пешниходи Прокуратураи генералӣ 17 созмону харакат ва гурӯху равияхо бо карори суд экстремистиву террористӣ эътироф гардида, аввалин Стратегияи миллӣ оид ба муковимат бо экстремизм ва терроризм тахия ва тасдик карда шуд.

Дар назди Прокуратураи генералӣ ситод доир ба масъалаи пешгирӣ намудани шомилшавии чавонон ба хизбу харакатхои экстремистиву террористӣ таъсис дода шуда, якчо бо дигар макомоти хифзи хукук шахсияти аксари шахрвандони ба созмонхои террористӣ шомилшуда муайян гардидааст ва нисбат ба шахсони гунахгор чорахои конунӣ андешида шудаанд.

Бо максади пешгирӣ кардани иштироки шахрвандони кишвар ва шахсони бешахрванд ба хайати вохидхои мусаллах, задухӯрди мусаллахона ё амалиёти чангӣ дар худуди дигар давлатхо ба Кодекси чиноятӣ моддаи алохида ворид гардида, дар эзохи он пешбинӣ карда шуд, ки шахсе, ки ихтиёран аз иштироки гайриконунӣ дар амалхои зикршуда даст мекашад, агар дар кирдори ӯ аломатхои таркиби чинояти дигар мавчуд набошанд, аз чавобгарии чиноятӣ озод карда мешавад.

Максади мукаррароти зикршуда аз он иборат аст, ки шахрвандони гумрохшудаи кишвар аз иштирок дар амалиёти мусаллахона дар каламрави давлатхои хоричӣ даст кашида, ба Ватани худ ва назди пайвандонашон баргарданд, фарзандони хешро ятим накунанд, ба захмати созанда машгул шаванд ва миллати точикро дар арсаи чахон бадном насозанд.

Бинобар ин, Прокуратураи генералӣ, Суди Олӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар макомоти дахлдорро зарур аст, ки бо максади фахмондадихии мазмуну мохияти мукаррароти зикршудаи Кодекси чиноятӣ тадбирхои заруриро амалӣ созанд.

Таъкид менамоям, ки ба анчом расидани задухӯрдхои мусаллахона дар худуди Ирок ва Сурия маънии пурра бархам хӯрдани ташкилоти террористии ба ном “Давлати исломӣ”

ва дигар созмонхои террористиро надорад ва набояд боиси хотирчамъиву гафлати сохтору макомоти дахлдор гардад.

Муомилоти гайриконунии маводи мухаддир низ яке аз мушкилоти чахони имрӯза ба шумор меравад. Дар бораи пайомадхои хатарноки ин намуди чиноят, аз чумла барои генофонди миллат ман борхо изхори назар кардаам.

Вале хар сол дар каламрави кишвар ба микдори зиёд маводи мухаддир ошкору мусодира ва шахсони гунахгор ба чавобгарӣ кашида мешаванд. Холо аз шумораи умумии махбусон кариб бист фоизро шахсоне ташкил медиханд, ки барои муомилоти гайриконунии маводи мухаддир гунахгор дониста шуда, махкум гардидаанд.

Тавре ки чанде пештар зикр карда будам, дар 23 соли охир макомоти хифзи хукуки мамлакат аз муомилоти гайриконунӣ зиёда аз 120 тонна маводи мухаддир, аз чумла беш аз 34 тонна героин мусодира намудаанд. Ин микдор маводи мухаддир метавонист боиси ба бемории нашъамандӣ гирифтор шудани 53 миллион нафар гардад.

Танхо соли сипаришуда макомоти хифзи хукуки кишвар муомилоти гайриконунии кариб чоруним тонна маводи мухадирро пешгирӣ кардаанд, ки ин нишондиханда нисбат ба соли 2016 беш аз як тонна зиёд аст. Дар ин раванд фаъолияти 139 гурӯхи нашъачаллоб, аз чумла 7 гурӯхи муташаккили чинояткор катъ карда шудааст.

Холатхои дар хоричи кишвар бо маводи мухаддир дастгир шудани шахрвандони Точикистон низ чой доранд, ки ин бешубха, ба обрӯи давлату миллати мо дар арсаи байналмилалӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Холати зикршуда аз нокифоя будани назорат аз болои фаъолияти макомоти хифзи хукук ва сохторхои низомӣ оид ба пешгирӣ кардани кочоки маводи нашъаовар аз гузаргоххои сархадӣ гувохӣ медихад ва андешидани тадбирхои катъиро дар ин самт такозо менамояд.

Махсусан, Агентии назорати маводи нашъаоварро зарур аст, ки корро дар ин самт

чиддан бехтар намуда, хамкорихоро бо дигар макомоти хифзи хукук ва сохторхои низомӣ, инчунин, бо макомоти дахлдори давлатхои хоричӣ таквият бахшад.

Хамчунин, фаъолияти макомоти хифзи хукук доир ба кофтукови чинояткорони аз тафтишот ва суд пинхоншуда бояд бехтар карда шавад. Зеро то охири соли гузашта аз шумораи умумии чунин шахсон хамагӣ 27 фоизашон дастгир карда шуда, шумораи хеле зиёди онхо то хол дар кофтуков карор доранд.

Вазъи тафтиши парвандахои чиноятӣ ва назорат аз болои тахкику тафтиш ба талабот пурра чавобгӯй набуда, холатхои кашолкорӣ дар тафтиши парвандахо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандахои чиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ барои баркарор кардани зарар ва аз тарафи судхо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандахои чиноятӣ кам нестанд.

Масалан, бо сабаби пурраву хаматарафа тафтиш нагардидани холатхои парванда ва рох додан ба дигар конунвайронкунихо, дар мачмӯъ, кариб 1200 адад парвандаи чиноятӣ, аз чумла аз чониби судхо 534 парванда ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст. Баъди тафтишоти иловагӣ кариб 800 парванда дубора ба судхо ирсол гардида, 160 парвандахои чиноятӣ аз тарафи худи макомоти тафтиш катъ карда шудаанд.

Яъне оид ба 1159 парвандаи чиноятӣ на танхо айбдоршавандагон, балки шохидону хешу таборони онхо такрор ба такрор ба макомот даъват гардидаанд, ки хамаи ин вакт ва маблаги иловагиро талаб мекунад. 160 парвандаи катъгардида бошад, нишон медихад, ки хамин кадар айбдоршавандахо беасос ба чавобгарии чиноятӣ кашида шудаанд.

Гайр аз ин, макомоти прократура 1215 холати аз чониби макомоти хифзи хукук бармахал огоз намудани парвандахои чиноятиро ошкор намуда, карорхои гайриконунии муфатишонро бекор кардаанд. Илова бар ин, 228 карори дигари макомоти тафтиш дар хусуси огози парвандаи чиноятӣ бо сабаби беасос огоз карда шуданашон катъ карда шудаанд.

Аз чониби судхо дар дах соли охир 38 нафар пурра сафед карда шудааст.

Хамаи ин гуфтахо аз он гувохӣ медиханд, ки сифати тафтишоти пешакӣ то хол каноатбахш нест. Хамеша дар хотир бояд дошт, ки дар паси хар як парванда одамон меистанд. Муфаттишон ва тахкикбарон набояд бо такдири одамон бозӣ кунанд. Хар як даъват ба макомот боиси озурдахотирии одамон мегардад.

Бинобар ин, кормандони макомот бояд хуб дарк намоянд, ки онхо на сохиб ва халкунандаи такдири дигарон, балки мухофизони хукуки онхо мебошанд.

Дар ин самт Прокуратураи генералиро зарур аст, ки назорати риояи конунро дар мархалахои тосудӣ боз хам чиддитар намояд ва ба вайрон гардидани хукуки одамон рох надихад.

Мехохам диккати шуморо боз ба як масъалаи хеле мухим чалб намоям.

Конунгузории мурофиавии чиноятии Чумхурии Точикистон тобеияти тафтиши пешакии парвандахои чиноятиро дакик мукаррар намуда, назорати риояи онро ба зиммаи прокурорхо вогузор кардааст.

Илова бар ин, ба прокурорхо хукук дода шудааст, ки дар холати вайрон гардидани тобеияти тафтишотӣ, инчунин, бо максади пурра, хаматарафа ва холисона анчом додани тахкик ва тафтиши пешакӣ, сарфи назар аз тобеияти тафтиш, парвандаи чиноятиро аз як макоми тахкик ё тафтиш ба дигар макомоти тахкик ё тафтиш диханд.

Вале прокурорхо ин вазифаи худро нодида мегиранд, ки дар натича байни макомоти хифзи хукук ракобати носолим ба вучуд омада, боиси баромадан аз хадди ваколатхои хизматӣ ва машгул шудан бо фаъолияте мегардад, ки ба вазифахои асосии ин ё он макомот дахл надорад.

Бинобар ин, ба прокурорхои хамаи сатххо дастури катъӣ дода мешавад, ки ба риояи тобеияти тафтишотии парвандахои чиноятӣ дар макомоти тафтишу тахкик диккати аввалиндарача дода, ба зиёдаравӣ ва баромадан аз хадди ваколатхои хизматӣ аз чониби дигар макомоти хифзи хукук ва худи прокурорхо рох надиханд.

Беасос тӯл кашидани тафтиши парвандахои чиноятӣ, ки боиси ташвишу саргардонӣ ва норизоияти шахрвандон мегардад, яке аз камбудихои чиддӣ дар фаъолияти муфаттишони макомоти назорату тафтишот мебошад.

Дар соли 2017-ум холатхои вайрон намудани мухлати тафтиши парвандахои чиноятӣ аз чониби муфаттишони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ 18 фоиз, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 16, макомоти прокуратура 12, Агентии назорати маводи нашъаовар 12 ва Вазорати корхои дохилӣ 11 фоизро ташкил кардаанд.

Аз ин лихоз, ба макомоти прокуратура зарур аст, ки назоратро аз болои рафти тахкику тафтиш, алалхусус, гайриконунӣ огоз намудани парвандахои чиноятӣ ва беасос ба чавобгарӣ кашидани одамон, сифати пасти тафтиши парвандахо ва риоя нагардидани мухлати тафтиш боз хам пурзӯр карда, холатхои беасос кашол додани тафтиш ва аз чониби тахкикбарандагону муфаттишон бидуни зарурат ба макомоти хифзи хукук даъват кардани шахрвандонро пешгирӣ намоянд.

Хамзамон бо ин, макомоти прокуратураро зарур аст, ки якчо бо Вазорати адлия назоратро аз болои риоя ва ичрои конунгузории ичрои чазои чиноятӣ дар муассисахои ислохӣ пурзӯр намуда, доир ба пешгирӣ намудани содиршавии аъмоли номатлуб аз чониби махбусон ва паст задани шаъну шарафи инсонии махбусон аз чониби кормандони муассисахои ислохӣ тадбирхои зарурӣ андешанд.

Бояд ёдовар шуд, ки бо истифода аз принсипи инсондӯстӣ ва ба хаёти осудаву захмати созанда сафарбар кардани шахсони маххкумшуда дар замони истиклолияти давлатӣ понздах маротиба Конун “Дар бораи авф” кабул шуда, нисбат ба 110 хазор нафар татбик гардид.

Хамчунин, бо дастгирии пайвастаи Хукумати мамлакат маблаггузории муассисахои ислохӣ мунтазам зиёд шуда, холо шароити нигохдошти махбусон хеле бехтар гардидааст.

Бояд гуфт, ки вазъи ичрои санадхои судӣ вобаста ба рӯёнидани маблаги зарар низ ба талабот чавобгӯ набуда, фаъолияти макомоти дахлдор дар ин самт бехбудиро талаб

менамояд.

Иҷрои воқеии санадҳои судӣ дар солҳои 2012-2015 аз 9 то 16 фоизро ташкил дода, соли 2016 аз тарафи иҷрочиёни судӣ аз 50 ҳазор санади иҷро оид ба рӯёнидани 402 миллион сомонӣ ҳамагӣ 51 миллион сомонӣ ё 13 фоиз иҷро шудааст.

Бинобар ин, ба Прокуратураи генералӣ супориш дода мешавад, ки назоратро дар самти иҷрои санадҳои судӣ тақвият бахшида, бо мақсади таъмини барқарор намудани зарари расонидашуда дар марҳалаҳои санҷиши пешакӣ, таҳқиқ ва тафтишот чораҳои зарурӣ андешад.

Дар шароити кунунӣ аҳаммияти омодабошии Қуввахои Мусаллаҳ барои ҳифзи истиқлолияту озодии давлат ва ҳимояи марзҳои он дучанд афзуда, зарурати андешидани чораҳои иловагиро ба миён меорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Қуввахои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ муносибатҳои ғайриоинномавӣ, тасарруфи маблағҳои барои хариди озуқа ҷудошуда ва дигар ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳо ҷой дошта, ба омодабошии қисмҳои ҳарбӣ, тайёрии ҷангӣ ва рӯҳияи сарбозон таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани интизоми ҳарбӣ дар сохторҳои низомӣ аз ҷониби роҳбарияти онҳо ва суст будани назорати прокурорӣ дар ин самт сабабҳои асосии рух додани чунин ҳодисаҳо мебошанд.

Аз ин рӯ, ба Шӯрои амният, Прокуратураи генералӣ, Вазорати мудофиа, Гвардияи миллӣ, Кӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, дигар кӯшунҳо ва сохторҳои низомӣ супориш дода мешавад, ки назорати риояи оинномаҳои ҳарбӣ, истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва амволро ба таври қатъӣ ҷоннок намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷузъу томҳо ва тайёрии ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди

чинояткорӣ, пешгирии он ва дигар хукуквайронкунихо яке аз самтхои мухимми фаъолияти макомоти прокуратура мебошад.

Шӯрои хамохангсозӣ дар доираи салохияти худ метавонад карорхое кабул намояд, ки ичрои онхо аз тарафи хамаи макомоти хифзи хукук хатмӣ мебошад.

Вале прокурорхои шахру нохияхо имконияти ин ниходро ба таври дахлдор истифода намекунанд, ки ин, дар навбати худ, боиси содир гардидани чинояту конуншиканихо мегардад.

Хозирини арчманд!

Мархалаи кунунии рушди кишвар дар рохи бунёди чомеаи демокративу хукукбунёд, инчунин, вазъи чахони муосир такозо менамояд, ки макомоти прокуратура ва дигар сохторхои хифзи хукук ба амалӣ намудани вазифахои зерин эътибори аввалиндарача диханд:

- тарзу усулхои муосири фаъолиятро чорӣ карда, амалияи хукуктатбиккуниро дар пешрафти сохахои гуногуни хаёти чомеа ва давлат таъмин намоянд;

- фаъолияти худро дар самти таъмини конуният ва тартиботи хукукӣ, мубориза бо чинояткорӣ ва баланд бардоштани маърифати хукукии ахолӣ мутобик ба авзои сиёсии минтака ва чахон, вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди иктисодиву ичтимоии кишвар ба рох монанд;

- хамкориро бо макомоти идоракунии давлатӣ, бахусус, макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ ва худидоракунии махаллӣ тахким бахшида, дар доираи ваколатхои худ ба фаъолияти муътадили онхо мусоидат намоянд;

- амалисозии ваколатхои назорат оид ба ичрои конунхо ва конунӣ будани санадхои

хукукиро дар мурофиаи судии чиноятӣ, гражданӣ ва иктисодӣ таъмин созанд;

- муборизаро бо чиноятхои иттилоотӣ, кибертерроризм ва чиноятхое, ки тавассути шабакахои интернетӣ содир мегарданд, чоннок намоянд;

- назорати ичрои конунхоро аз тарафи макомоти амалисозандаи фаъолияти оперативию чустучӯӣ бо максади пешгирии конуншиканӣ аз чониби онхо ва таъмини химояи хукуку озодихои инсон ва шахрванд вусъат диханд;

- хамкориро бо макомоти судӣ чихати иштироки саривактӣ дар мурофиахои судӣ ва пешгирии кашолкорӣ дар баррасии парвандахои судӣ вусъат бахшанд;

- аз чониби макомоти тахкику тафтиши пешакӣ амалӣ гардидани принсипи конститутсионии эхтимолияти бегунохиро таъмин намоянд;

- бо максади пешгирӣ намудани чиноятгорӣ ба корхои пешгирикунандаву фахмондадихӣ ва баланд бардоштани маърифати хукукии ахолӣ тавассути боз хам бештар диханд;

- ба масъалаи интихоб ва чобачогузории дурусти кормандон эътибори аввалиндарача дода, барои таъмин намудани макомот бо кадрхои лаёкатманду ташаббускор, аз шахсони тасодуфӣ тоза кардани сафхои онхо, пешгирии коррупсия дар байни кормандон, тарбияи хайати шахсӣ дар рӯхияи ватандӯстӣ, садокат ба Ватан ва арзишхои миллӣ, инчунин, риояи хатмии талаботи Кодекси одоби кормандони прокуратура чорахои зарурӣ андешанд;

- аз чониби кормандони сохтору макомоти дахлдор поймол гардидани хукуки шахрвандон, истифодаи усулхои гайриконунии тахкику тафтиш, дахолат ба фаъолияти субъектхои сохибкорӣ ва дигар амалхои номатлубро катъиян пешгирӣ кунанд;

- сари вакт баррасӣ гардидани мурочиатхои шахсони вокеӣ ва хукукиро аз тарафи

макомоти хокимияти давлатӣ, худидоракунии махаллӣ ва ташкилотхои гайридавлатӣ таъмин намоянд.

Дар робита ба масъалахои зикршуда, боз як нуктаи дигарро хотирнишон месозам. Тибки конунгузории Чумхурии Точикистон хизматчиёни давлатӣ вазифадоранд, ки хар сол ба макомоти андоз оид ба даромад ва вазъи молу мулк эъломия пешниход намоянд.

Зарур мешуморам, ки ин талабот ба кормандони макомоти хифзи хукук, аз чумла прокурорхо низ татбик карда шавад.

Илова бар ин, бори дигар таъкид менамоям, ки вазифаи прокурорхо ва кормандони дигар макомоти хифзи хукук факат дастгиру махкум кардани шахсони гунахкор нест. Онхо, дар навбати аввал, бояд ба масъалаи пешгирӣ кардани содиршавии конуншиканиву чиноятхо диккат диханд ва корро тавре ба рох монанд, ки риояи конун ба одати доимии мардум табдил ёбад.

Тавре ки зикр гардид, прокуратура ягона макоме мебошад, ки ваколатхои он ба тамоми ташкилоту корхонахо, сохтору ниходхои давлативу чамъиятӣ ва доирахои гуногуни ахолӣ татбик мегарданд.

Яъне кормандони макомоти прокуратура чашми давлат мебошанд ва вазифадоранд, ки хамеша дар хизмати халк бошанд, хама гуна камбудиву конуншиканиро дар чомеа сари вакт ошкор ва чихати бартараф намудани онхо чорачӯӣ намоянд.

Хотирнишон месозам, ки агар кормандони прокуратура ба ичрои вазифаи худ бо масъулият ва чиддият муносибат кунанд, конуншиканихое, ки то имрӯз дар кишвар вучуд доранд, рух намедиханд.

Аз ин лихоз, кормандони прокуратура бояд ба ичрои вазифахои бадӯшдоштаи худ бо масъулияти баланд, поквичдонона ва бо садокат ба халку Ватани худ муносибат намоянд.

Дар охир бори дигар чашни касбиатонро табрик гуфта, ба хар яки шумо дар ичрои ин рисолати пуршараф барору комёбӣ орзу менамоям ва итминон дорам, ки минбаъд фаъолияти худро ба хотири химояи дастовардхои даврони истиклолият, рушди устувори давлат ва суботу оромии чомеа дучанд мекунед.

Хамеша саодатманду сарбаланд бошед!